

# ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ

**Лоиҳаи нави Эътилоф ба мубориза бо шиканҷа ва дастгирии**

**ташаббусҳои ҳуқуқҳимоякунӣ равона карда шудааст**

***Душанбе, 5-уми майи соли 2020.*** Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Бунёди лаҳистонии Ҳелсинки оид ба ҳуқуқи инсон ба амалисозии лоиҳаи наве, ки ба мубориза бо шиканҷа ва дастгирии ташкилотҳои ҳуқуқҳимоякунанда ва ташаббусҳо равона гардидааст, оғоз намуд.

Дар доираи лоиҳа Гуруҳи кӯмаки ҳуқуқии Эътилоф расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа ва оилаҳои онҳо, амалисозии мониторинги мурофиаҳои судӣ, инчунин пешбурди мурофиаҳои судии стратегӣ оид ба парвандаҳои марбут ба истифодаи шиканҷаро идома медиҳад. Кумитаи СММ зидди шиканҷа дар тавсияҳои ниҳоии худ ба гузориши даврии сеюми Тоҷикистон зикр менамояд, ки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифодаи шиканҷаро идома медиҳанд ва шахсони гунаҳкор аксар вақт беҷазо мемонанд. Дар чунин шароит расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа, талош баҳри барқарорсозии адолат ва ба самти беҳтар тағйир додани система хеле муҳим аст.

Давоми ду соли наздик шарикони лоиҳа инчунин як силсила чорабиниҳои омӯзиширо барои фаъолоне, ки бо гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд ва барои адвокатҳои ҷавон баргузор менамоянд. Барномаҳои омӯзишӣ донишҳои назариявӣ оид ба фаҳмиши умумии ҳуқуқи инсон, механизмҳои дохиливу байналмилалии ҳимояи онҳо, инчунин донишҳои амаливу таҷрибаҳоро дар самти гузаронидани мониторинг, расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва ҳамкорӣ бо ВАО дар бар хоҳанд гирифт.

Тамоми фаъолияти лоиҳавӣ дар торнамо ва саҳифаҳои Эътилоф дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ВАО-и милливу байналмиллалӣ инъикос хоҳад гардид. Дар доираи лоиҳа бахшида ба Рӯзи байналмилалии дастгирии қурбониёни шиканҷа (26-уми июн) ва Рӯзи ҳуқуқи инсон (10-уми декабр) 4 чорабинии иттилоотӣ баргузор карда мешавад. Гуруҳи расонаӣ дар ҳамкорӣ бо ҳама аъзои Эътилоф аллакай омодагӣ ба чорабинии якумро оғоз кардааст, ки гузаронидани он дар моҳи июн ба нақша гирифта шудааст. Дар доираи ҷузъи коммуникатсионии лоиҳа Эътилоф ҳамкории худро бо марказҳои матбуотии мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ тақвият медиҳад.

Лоиҳа аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо дар доираи барномаи «Дастгоҳи аврупоӣ дар самти демократия ва ҳуқуқи инсон» маблағгузорӣ карда мешавад.


Барои иттилооти бештар метавонед тамос гиред бо:
Шоира Давлатова: notorturetj@gmail.com, +992446257611
Юлия Черемухина: iuliia.cheromukhina@hfhr.pl, +48 508 286 697


Лоиҳа амалӣ мегардад:
1. Бунёди лаҳистонии Ҳелсинки оид ба ҳуқуқи инсон (Лаҳистон)
2. Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон (Тоҷикистон)
3. Ҳуқуқ ва беҳбудӣ (Тоҷикистон)
4. Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ (Тоҷикистон)


Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад.



Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
Суроға: к. Адҳамов, хонаи 74
734013 Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
тел: (+992 37) 221 74 07, 227 10 24
Факс: (+992 37) 221 43 21
Delegation-Tajikistan-Pic@eeas.europa.eu


Иттиҳоди Аврупо аз 27 мамолики узв иборат аст, ки онон қарор доданд тадриҷан дониш, захира, ва тақдири хешро пайванданд. Ҳамроҳ таи 60 соли васеъшавӣ онҳо минтақаи устувор, демократӣ ва рушти бардавомро бунёд намуда, ҳамзамон гуногунияти фарҳангӣ, арзи таҳаммул ва кафолати озодии шахсиро нигоҳ доштанд. Иттиҳоди Аврупо омода аст муваффақиятҳо ва арзишҳояшро бо мамолик ва қавмиятҳои берун аз сарҳадоти хеш бо ҳам бубинад. Аз ин лиҳоз, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ҳамасола барои рушти мамлакат тақрибан 35 млн. евро фароҳам менамояд.